Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 063
назди МД «Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(ш. Душанбе, Хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот бо он муқаррар мегардад, ки дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ масъалаҳои баланд бардоштани иштироки иқтисодии занон, ташкили ҷойҳои нави корӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва такмили механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ аҳамияти хоса доранд. Муаллиф масъалаи мазкурро дар мисоли вилояти Суғд баррасӣ намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, институтсионалӣ ва амалии рушди соҳибкории занонро ба ҳам пайвастааст, ки аз ҷиҳати методологӣ хеле хуб дарҷ шудааст.

Дар автореферати диссертатсия мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот мантиқан муайян карда шудаанд. Мақсади таҳқиқот ба рушди муқаррароти илмӣ-назариявӣ оид ба соҳибкорӣ ҳамчун низоми муосири баланд бардоштани сатҳи шуғли занон ва таҳияи тавсияҳои амалӣ равона шудааст. Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои марбут ба омӯзиши асосҳои назариявию институтсионалӣ, таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди соҳибкории занон, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ гузошта шудаанд ва онҳо дар раванди таҳқиқот ҳалли худро ёфтааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳими тадқиқот муайян намудани мазмуни иқтисодии мафҳуми «соҳибкории занон» ва пешниҳоди таърифи муаллифии

он мебошад. Унвончӯ соҳибкории занонро ҳамчун низоми муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба ташаббус, масъулият ва таваккали иқтисодии занон асос ёфта, ба ба даст овардани фоида, худтатбиқнамоӣ ва таъмини мустақилияти иқтисодӣ равона шудааст, тавсиф менамояд. Ҳамчунин заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва психологӣ ҳамчун маҷмӯи омилҳои ташаккул ва рушди соҳибкории занон асоснок карда шудаанд.

Муаллиф дар асоси таҳлили оморӣ ва иқтисодӣ вазъ, тамоюлҳо ва қонуниятҳои рушди фаъолияти соҳибкории занонро дар вилояти Суғд таҳлил намуда, таъсири хусусиятҳои демографӣ, муҳоҷирати меҳнатии мардон, сохтори соҳавии иқтисодиёт, сатҳи таҳсилот ва дастрасӣ ба захираҳои молиявиро ба фаъолияти соҳибкории занон арзёбӣ кардааст. Дар автореферат инчунин робитаи байни рушди соҳибкории занон ва сатҳи шуғли занон таъкид гардида, модели институтсионалии рушди соҳибкории занон пешниҳод карда шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ташкилотҳои молиявӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, дастгирии соҳибкории занон ва сиёсати шуғл истифода шаванд. Аз ҷумла, масъалаҳои васеъ намудани дастрасии занони соҳибкор ба захираҳои молиявӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, ташкили марказҳои машваратӣ, омӯзиши малакаҳои соҳибкорӣ ва кӯмак дар таҳияи бизнес-нақшаҳо дорои аҳаммияти амалӣ мебошанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, автореферат баъзе масъалаҳои баҳснок ва такмилталаб низ дорад, ки метавонанд дар муҳокимаи диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гиранд:

- дар баъзе мавридҳо робитаи миқдории байни омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди соҳибкории занонро бо нишондиҳандаҳои мушаххаси оморӣ бештар возеҳ нишон додан мумкин буд;

- дар баъзе ҳолатҳо пешниҳоди натиҷаҳои муқоисавӣ байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд метавонист тасвири минтақавии фарқиятҳоро боз ҳам пурратар намояд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Дар асоси шиносоӣ бо автореферати диссертатсия дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд» қайд намудан мумкин аст, ки он кори илмии мустақилона ва ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, аз рӯйи мазмун, дараҷаи таҳлил, навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти амалии пешниҳодҳо ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Муаллифи он Набизода Маҳфуза Раҳмат сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Тақризиҳанда:
мудири кафедраи назарияи иқтисодии
МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",
д.и.и., профессор **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

И.в. сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯззода Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru